# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-035 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав вобаста ба қабули диссертатсияи Сироҷиддини Давлаталӣ ба ҳимоя дар мавзӯи «Методикаи омӯзиши бузургиҳои геометрӣ дар курси геометрияи мактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика, таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шуд: Сатторов Абдурасул Эшбекович – доктори илмҳои педагогӣ, профессор аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика) раиси комиссия; Ойматова Ҳоҷармо Холмуродовна – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (физика), узви комиссия, Ховаев Амрохон мирзоевич – номзади илмҳои педагогӣ, 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика) узви комиссия.

Комиссия таҳқиқоти диссертатсионии Сироҷиддини Давлаталӣро омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дода, ҳисоб мекунад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва экспериментали ба воқеияти объективӣ созгор мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 13 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 6-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида ва 7-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашриёҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарёфти роҳҳои асосии омӯзиши мукаммали бузургиҳои геометрӣ, ҷалб намудани хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фанни геометрия. Методикаи омӯзиши бузургиҳои геометрӣ яке ба роҳҳои баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон ба шумор меравад.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ натиҷаҳои таҳқиқот, истифодаи методҳои самарабахши таҳқиқот, такя ба назарияи маърифат ва таълими инкишофдиҳанда, дуруст будани вазифаҳои гузошташударо таъмин менамояд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот. Вобаста намудани омӯзиши курси геометрияи мактабӣ ба бузургиҳои геометрӣ. Таҳлил ва муқоисаи намудани ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ доир ба омӯзиши бузургиҳои геометрӣ ва муккамалсохтани методикаи омӯзиши он вобаста ба талаботи замони муосир. Аз нав ба система даровардани омӯзиши бузургиҳои геометрӣ. Тавассути озмоишҳои педагогӣ нишон додани бартарияти омӯзиши бузургиҳои геометрӣ дар асоси барномаи таҷдидшуда. Масъалаи омӯзиши бузургиҳои геометрӣ дар барномаҳои таълимӣ фанни геометрия дар асоси талаботи стандартҳои байналмиллалӣ ворид кардани тағйиротҳо дар барномаи таълимӣ.

Автореферат мазмуну муҳтавои дисертатсияро пурра инъикос менамояд.

## Хулоса

Диссертатсияи Сироҷиддини Давлаталӣ ба ҳимоя дар мавзӯи «Методикаи омӯзиши бузургиҳои геометрӣ дар курси геометрияи мактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика, таҳсилоти миёнаи умумӣ) ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

## Қарори комиссияи экспертӣ

1. Мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия ба пуррагӣ ҷавобгӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика, таҳсилоти миёнаи умумӣ) ва самти шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 мебошад.
2. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия фарогири бандҳои 4, 7, 8, 9, 12, 18, 32 ва 33 шиносномаи ихтисоси назария ва методикаи омӯзишу парвариш мебошад.
3. Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи довталаб ба талаботи «Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони

илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №505 аз 26.11.2016) пурра ҷавобгӯ мебошад.

4. Пешниҳод мегардад, ки муассисаи муқарризи диссертатсия **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** таъйин карда шавад.
5. Пешниҳод мегардад, ки муқарризони расмии диссертатсия **Исломов Озод Азимович,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, профессори кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва **Азимова Назира Самадовна** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои риёзӣ-табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон таъйин карда шаванд.
6. Барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.
7. Ба нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия, д.и.п, профессор — Сатторов А.Э.

Узви комиссия, н.и.п., дотсент — Ойматова Ҳ.Х.

Узви комиссия, н.и.п., — Хоҷаев А.М.

Имзои профессор, А.Э. Сатторов, Ҳ.Х. Ойматова
ва А.М. Хоҷаев-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои
ДДБ ба номи Носири Хусрав — Ҷ.А. Шукурзод